**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзуи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Робитаи шахс ва давлат заминаи кулли муносибатҳои байни шахсият ва давлат, инчунин асоси ба ҳаракат даровардани механизми ҳифзу ҳимояи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд мебошанд. Аз ин сабаб, рисолаи ба ҳимоя пешниҳодшуда тахти унвони «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» мавзуи мубрами илмӣ буда, ҷавобгӯ ба талаботи замон нақшабандӣ гардида, маводи илмию амалии истифодашуда, натиҷа, хулоса ва тавсияҳои дар доираи таҳқиқот дарҷгардида ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конститутсияи худ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эълон намудааст. Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки ғояи инсондӯстӣ дар Паёми худ таъкид намуданд, ки «пешрафти босуботи давлат ва ҷомеа, пеш аз ҳама, ба таъмини амният, волоияти қонун, таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос меёбад».

Тавре муаллиф қайд менамояд: «Қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва дигар санадҳои байналмилалӣ (паймонҳо, конвенсияҳо ва ғ.) ба эътирофи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон мусоидат намуданд, ғалаба бар фашизм инсониятро руҳбаланд гардонида, реҷаҳои авторитарӣ ва фашистиро аз байн бурд. Таъсиси

Созмони Милали Муттаҳид ва қабул шудани санадҳои умумӣ дар таъмини ҳуқуқи инсон саҳми бориз гузоштанд».

Бо вуҷуди ин, пас аз чанд даҳсола маълум гардид, ки меъёрҳои ҳуқуқи инсон асоси мафкуравии тамаддуни ғарбӣ дошта, дар қитъаҳои дигари олам, ки дорои фарҳангу тамаддуни хеш мебошанд, пазиро нестанд. Дар натиҷаи ин гуногуниҳо бархӯрди фарҳангҳо ва тамаддунҳо ба вуҷуд омад. Дар қитъаҳои гуногуни ғайриаврупоӣ (Осиё, Африқо, Америкои Ҷанубӣ ва ғ.), дар мамлакатҳои араб санадҳои алоҳидаи минтақавӣ оид ба ҳуқуқи инсон қабул гардиданд. Хартияи Африқоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, Хартияи араб оид ба ҳуқуқи инсон, Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар ислом ва ғ. қабул шуданд ва дар заминаи онҳо сиёсати минтақавии фарҳангӣ-тамаддунӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ҳамзамон робитаи давлат ва шахс инкишоф ёфт. Илова бар ин, тазодди тамаддунӣ дар пасманзари даргириҳои мусаллаҳонаи маҳаллӣ, эътироз бар зидди меъёрҳои ягонаи ғарбии ҳуқуқи инсон, ҳимояи манфиатҳои миллӣ (динӣ, соҳибихтиёрӣ, этникӣ, ҳувияти миллӣ ва фарҳангӣ) ба марҳилаи нав ворид мешавад.

Мушкилоти сохтори муосири тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ, ихтилофи байни ҷонибдорони ҷаҳони яққутба ва бисёрқутба, дарки ислоҳоти тартиботи ҷаҳонӣ низ ба раванди мазкур мусоидат мекунанд. Дар натиҷаи кӯшишҳои давлатҳои абарқудрат ва ташкилотҳои фаромиллии молиявию иқтисодӣ дар самти амалӣ намудани сиёсати ҷаҳонишавӣ бидуни манфиатҳои миллии давлатҳои тараққикунанда мушкилоти ҷаҳонӣ, геосиёсӣ, геоиқтисодӣ мураккаб гардида, ҳисси худшиносии миллӣ боло меравад.

Бо дарназардошти равандҳои нави ҷаҳони мутамаддин таҳқиқоти илмии сатҳи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс мубрам аст. Чунин усули таҳқиқоти илмӣ аз як тараф имкон медиҳад, ки дар бораи рушди робитаи давлат ва шахс дар ҷаҳони муосир, минтақаҳои алоҳида ва давлатҳо тасаввуроти равшан ва пурра пайдо шавад. Аз тарафи дигар ин имкон медиҳад, ки хусусиятҳои ташаккули робитаи давлат ва шахс дар сатҳи ҷаҳон, минтақаҳо ва кишварҳои алоҳида муайян ва баррасӣ карда шаванд. Таҳқиқоти мазкур истифодаи васеи усули муқосавӣ-ҳуқуқиро тақозо мекунад.

Ҳамин тариқ, мавзуи интихобшуда аз нуктаи назари илмӣ, методологӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дар шароити муосири бархӯрди фарҳангию тамаддунӣ, афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ, ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол мубрам аст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Диссертатсия дар доираи талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 муайян карда шудаанд, омода карда шудааст.

Рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти комплексии назарӣ ва амалӣ дар самти робитаи давлат ва шахс мебошад. Пажӯҳиши мазкур ба талаботи замона ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти мустақили илмӣ-соҳавӣ аст. Пешниҳод, тавсия ва хулосаҳои илмии рисола дар рушди илм, амалия ва назарияи ҳуқуқи инсон, ҳамзамон қонунгузории амалкунанда шароит муҳайё месозад. Диссертатсия бо услуби хоси илмӣ таълиф гардида, пайдарҳамии мантиқӣ ва тарзи дурусти фикрронӣ риоя шуда, дорои ягонагии дохилӣ ва навгониҳои илмӣ мебошад. Гуфтаҳои мазкур саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқот дучанд менамояд.

Андеша, пешниҳод ва мавқеи муаллиф дар масъалагузорӣ мушкилот, пешниҳоди роҳҳои ҳал, хулосаҳои дақиқ ва тавсияҳои судманди илмӣ зоҳир мегардад.

Нуктаҳои илмӣ, навгонӣ, пешниҳод ва таклифҳои амалие, ки муҳаққиқ дар рисолаи илмӣ пешниҳод кардааст, баҳри таҳия, такмил ва коркарди қонунгузорӣ, омода намудани барнома, стратегия, консепсияҳо ва дурнамоҳои давлатӣ шароит фароҳам меоранд.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.**

Масоили дар рисола гузошташуда аз ҷониби муаллиф ҳаматарафа таҳлилу пажӯҳиш гардида, назария ва амалияи миллӣ ва байналмилалии робитаи давлат ва шахс воқеъбинона таҳқиқ карда шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот хулосаву пешниҳодҳои илман асоснок ва саривақтӣ баҳри такмили қонунгузорӣ пешниҳод

гардидааст. Бояд зикр намуд, ки муҳимтарин нуктаҳои рисола аз ҷониби пажӯҳишгар дар шакли мақола, баромад ва маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои сатҳи гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Хулосаву пешниҳодҳои илмии муаллифро метавон дар оянда барои таҳқиқ ва пажӯҳиши самтҳои ҳаммонанд истифода намуд. Ҳамзамон барои баланд бардоштани маърифатии ҳуқуқии шаҳрвандон, донишҷӯён, ходимони илмӣ, шахсони мансабдор, аз ҷумла баҳри такмил ва ташаккули илми ҳуқуқи инсон истифода намуд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.**

Аз ҷониби диссертант оид ба мазмун ва моҳияти рисола 2 монография, 2 китоби дарсӣ, 6 воситаи таълимӣ, 37 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 19 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, 18 мақола дар дигар нашрияҳо ба нашр расондааст, ки натиҷаҳои асосии рисолаи илмӣ дар маводи нашргашта инъикос ёфтааст.

Таълифот ва маводи нашр намудаи Миралиев И.Қ. бозгӯи он аст, ки рисола дар сатҳи баланди илмӣ, касбӣ, мустақилона ва босифат анҷом дода шудааст.

Фаъолияти самараноки илмиву омӯзгорӣ ва эҷодии унвонҷӯй ва таҳлилҳои сураттирифта ин андешаро боз ҳам асоснок месозанд.

Нуктаҳои асосӣ, таклифу пешниҳод, натиҷа ва хулосаи рисола дар ҷаласаҳои кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокима ва дастгирӣ ёфтааст.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ мутобиқ будани барасмиятдарории диссертатсия.** Сохтори рисола, барасмиятдарорӣ, мазмуни он ва феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда ба талаботи ба рисолаҳои докторӣ пешниҳодшаванда ҷавобгӯ мебошад. Рисолаи мазкур аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, чор боб, ҳабдаҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи рисола, сатҳи омӯзиши он, объект ва предмети пажӯҳиш, мақсаду вазифа, асосҳои назариявӣ ва методологии

диссертатсия, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии кор асоснок шудаанд.

Боби якум **«Ташаккул ва инкишофи назарияҳои робитаи давлат ва шахс дар ҷараёни таҳаввулоти ҳуқуқи инсон»** унвон гирифта, фарогири чор зербоб мебошад.

Дар зербоби якуми ин боб – **«Ташаккул ва инкишофи заминаҳои мафкуравӣ ва фарҳангии робитаи давлат ва шахс дар афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷику форс»** муаллиф қайд менамояд, ки масъалаи робитаи инсон ва давлат, моҳияти ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Шарқ, аз он ҷумла дар сарзамини аҷдодии тоҷикон дар шароити комилан дигари таърихӣ, ҳамчун ҷузъи фарҳанг ва тамаддуни халқҳои Шарқ ҳалли худро ёфтааст. Тоҷикон миллати тамаддунофар буда, дар инкишофи тамаддун ва фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми арзанда доранд. Мутафаккирони тоҷику форс оид ба робитаи инсон ва ҷомеа, инсон ва давлат, моҳияти ҳуқуқу озодиҳои инсон нуқтаи назари мустақили худро доранд. Масъалаи робитаи инсон ва давлат дар шароити Тоҷикистони таърихӣ, дар робита бо фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон дарку таҳқиқ гаштааст. Андешаҳо, ғояҳо, нуқтаҳои назари мутафаккирони тоҷику форс шакли инъикоси фарҳанги миллӣ, орзуву ормони тоҷикон буда, аз ақидаҳои мутафаккирони Ғарб фарқи куллӣ доранд. Ин нуктаи муҳимро зимни таҳқиқи раванди таърихии инкишофи назарияҳои ҳуқуқи инсон, аз он ҷумла назарияҳо оид ба робитаи инсон ва давлат мебояд ба инобат гирифт.

Дар зербоби дуюми ин боб – **«Ташаккул ва рушди назарияҳои робитаи давлат ва шахс дар афкори Ғарб ва илми муосир»** муаллиф андешаву осори мутафаккирони ғарбро аз аҳди қадим то замони муосир таҳлил намуда, ба хулоса омадааст, ки танҳо дар давлати ҳуқуқбунёд инсон бо ҳуқуқ ва озодиҳои худ расман чун арзиши волотарини иҷтимоӣ эътироф мегардад. Омили муҳим дар роҳи ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ назарияҳои гуманитарӣ, некхоҳона, фитрии ҳуқуқи инсон мебошанд, ки маҳз ба шарофати онҳо ҳамбастагӣ ва масъулияти дутарафаи давлат ва инсон дарк карда шуд.

Дар зербоби сеюми боби якуми рисола **«Назарияҳои муосири робитаи давлат ва шахс»** –қайд мегардад, ки шаклҳои муосири робитаи мутақобилаи давлат ва шахс дар бештар маврид бо ҳамкории давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон

алоқаманданд. Дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон ба сатҳи нав мебарояд. Аз як тараф, арзишҳои давлатдории ҳуқуқӣ дар сатҳи конститутсия ва дар таълимоти илмӣ пазируфта мешаванд ва аз тарафи дигар, заминаи нави назариявӣ ва методологии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон ташаккул меёбад.

Зербоби чоруми боби якум ба масъалаи **«Инкишофи назарияҳои муосири робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон»** бахшида шудааст. Дар он қайд мегардад, ки мафҳуми давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон аз даври қадим дар маркази диққати шумораи зиёди мутафаккирон, файласуфон ва таҳқиқотчиён қарор гирифта буд. Дар афкори илмии муосир то ҳол баҳсу мунозираҳо оид ба таърифҳои зуҳурот ва институтҳои мазкур ҷой доранд. Инчунин дар зербоби мазкур масъалаи наслҳои ҳуқуқи инсон ва зиёдшавии ҳуқуқу озодиҳо баррасӣ шудааст. Қайд шудааст, ки зиёдшавии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба зиёдшавии шумораи субъектон ё барандагони ҳуқуқ ва озодиҳои инсон оварда мерасонад.

Боби дуюми рисола **«Назария ва амалияи робитаи давлат ва шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** унвон шуда, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми он **«Модели конститутсионии робитаи давлат ва шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳлил шудааст. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ғояи арзишнокии падидаи давлати ҳуқукбунёд ба таври расмӣ ва ҳуқуқӣ дар конститутсияи давлатҳо таҷассуми худро пайдо намуд. Расмигардонии модели конститутсионии давлати ҳуқуқбунёд дар доираи арзишҳои умумиэътирофгардида сурат мегирад, ки яке аз онҳо ҳуқуқи инсон маҳсуб мешавад. Дар сатҳи Конститутсия модели робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон расмиёти ҳуқуқӣ пайдо кардааст. Модели идеалии ҳамкориҳои байни давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар муддати тулонӣ ташаккул ёфта, қонунӣ мегардад ва бо эътирофи расмии конститутсионӣ устувор мешавад. Модели робитаи давлати ҳуқукбунёд ва ҳуқуқи инсон тавассути ҳуқуқ моҳият ва мазмуни расмӣ пайдо намуда, ҳамчун тарзи ташкили ҳаёти давлат ва ҷамъият пазируфта мешавад.

Дар зербоби дуюми ин боб – **«Инкишофи вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд»** андешаҳои муаллиф оид ба ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд баён

гардидааст. Муаллиф ба хулоса омадааст, ки вазъи ҳуқуқии шахс тағйирёбанда аст. Ба рушди он тағйироти мунтазами шароити таърихӣ, инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, низоми ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Ташаккули вазъи ҳуқуқии шахс дар шакли васеъ гардидани доираи ҳуқуқу озодиҳои шахс сурат мегирад. Ин яке аз қонуниятҳои умумии рушди таърихии вазъи ҳуқуқии шахс мебошад.

Зербоби сеюми боби дуюми рисола **«Робитаи давлат ва шахс дар ҳошияи амалӣ гардидани назарияи давлати иҷтимоӣ»** унвон шуда, қайд карда гардидааст, ки дар моддаи 1-и Конститутсияи ҶТ ақидаи «давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ» ифода ёфтааст. Ақидаи мазкур ҷузъи таркибии моҳияти давлати Тоҷикистон мебошад. Давлати Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд, соҳибихтиёр, демократӣ, ягона ва ҳамзамон давлати иҷтимоӣ мебошад. Аломатҳои соҳибихтиёрӣ, ҳуқуқбунёдӣ, демократӣ, ягонаи давлати Тоҷикистон айни замон аломатҳо давлати иҷтимоии Тоҷикистон мебошанд. Бо ин аломатҳои моҳияти давлати иҷтимоии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Дар байни ин аломатҳо ҷойи аввалиндараҷаро аломати соҳибихтиёрӣ ишғол мекунад. Давлати иҷтимоии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр буда, бо дарназардошти шароити таърихӣ ташаккул ва рушд мекунад. Бо ин аломаташ давлати иҷтимоии Тоҷикистон аз моделҳои дигари давлати иҷтимоӣ фарқ мекунад.

**Боби сеюми рисолаи илмӣ «Робитаи давлат ва шахс дар ҳошияи сиёсати ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон»** ном дошта, фарогири шаш зербоб мебошад.

Дар зербоби якуми он **«Инкишофи таҷрибаи ҷаҳонии эътироф, риоя ва амалисозии ҳуқуқи инсон»** таҳлил шуда, ифроз гардидааст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон, эътироф, таъмин ва ҳифзи онҳо дар маркази таваҷҷуҳи созмонҳо ва ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ қарор дорад. Бояд қайд кард, ки эътироф, риоя, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон бо роҳҳои зерин сурат мегирад: а) қабули санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба ҳуқуқи инсон; б) таъсиси сохторҳои махсуси созмонҳои байналмилалӣ оид ба таъмин, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон; в) таъсиси мақомоти судӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон;

г) кумаки молиявӣ, моддӣ, иттилоотӣ, таҳсилотӣ, фарҳангӣ дар самти таъмин ва ҳифзи ҳуқуқи инсон.

Зербоби дуюми боби сеюми рисола ба масъалаи **«Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Аврупо»** бахшида шудааст. Дар он таҷрибаи Олмон, Фаронса, Кумитаҳои парламентӣ ва комиссияҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар Аврупо – Австрия, Белгия, Британияи Кабир, Юнон, Дания, Италия, Кипр, Латвия, Литва, Македония, Норвегия, Полша, Португалия, Руминия, Сербия, Словакия, Словения, Туркия, Финландия, Хорватия, Чехия, Шветсия, Эстония, Босния ва Ҳерсеговина, Булғория, Испания, Люксембург, Молдова, Шветсария ва дигар давлатҳо мухтасар таҳлил шудааст.

Зербоби сеюми ин боб ба таҳлили «Таҷрибаи давлатҳои Амрикои Лотинӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон» бахшида шудааст. Муаллиф вижагиҳои ташаккули таҷрибаи эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро дар Амрикои Лотинӣ бо таъсири омилҳои зерин вобаста кардааст: а)шароити таърихие, ки дар кишварҳои Амрикои Лотинӣ ташааккул ёфта, хусусиятҳои фарҳангӣ, тамаддунӣ ва сиёсии худро дорад; б) дарки ба худ хоси ҳуқуқҳои инсон ва умуман, ҳамаи падидаҳои ҳаёти ҷомеа, ки инсон ва ҳуқуқҳояш робита доранд; в) таъсири қаблии сиёсати мустамликадорӣ ба халқҳои Амрикои Лотинӣ, ки аз тарафи давлатҳои Аврупо амалӣ шуда, боиси ташаккули нобоварӣ, хусумат, эътироз дар шуури ҷамъиятии ин халқҳо нисбат ба мустамликадорон гардидааст; г) тафовути тамаддуни фарҳангӣ ба дарку амалисозии ҳуқуқи инсон дар Амрикои Лотинӣ ва ташаккулу инкишофи таҷрибаи ин соҳа таъсир мерасонад.

Зербоби чоруми боби сеюм фарогири масъалаи **«Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Африқо ва Чин»** мебошад. Қайд мегардад, ки асоси ҳимояи ҳуқуқи инсонро дар минтақаи Африқо Хартияи африқоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи халқҳо – санади минтақавӣ, ки дар доираи Ташкилоти Ягонагии Африқо қабул шудааст, ташкил медиҳад. Мақсади Хартияи мазкур мусоидат намудан ба эҳтиром ва ҳимояи ҳуқуқи инсон дар минтақаи Африқо мебошад. Ба монанди Конвенсияи аврупоӣ, Хартия низ ба ҷумлаи шартномаҳои шакли «пӯшида» шомил аст ва аъзои он танҳо кишварҳои узви Ташкилоти Ягонагии Африқо шуда метавонанд.

Зербоби панҷуми боби сеюм **«Сиёсати давлатҳои исломӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон»** унвон шуда, дар он муаллиф чунин вижагиҳои санадҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсонро, ки дар доираи кишварҳои исломӣ қабул шудаанд, муайян кардааст: 1) норозигии кишварҳои мусулмониро аз назарияи умумиинсонии ҳуқуқи инсон ба далели ба эътибор нагирифтани шароити фарҳангӣ ва мазҳабии кишварҳои ғайриғарбӣ инъикос мекунад; 2) арзишҳо ва анъанаҳои исломиро дар ҳаёти шахсӣ, муносибатҳои оилавӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар инъикос мекунанд; 3) ҳуқуқҳои асосӣ ва озодиҳои умумиинсонӣ дар ислом ҷузъи ҷудонашавандаи дини ислом мебошанд ва аслан ҳеҷ кас ҳақ надорад, онҳоро пурра ё қисман аз байн барад, ё поймол кунад, ҷаҳони ислом барои ҳифзи онҳо масъулияти дастаҷамъӣ дорад; 4) ҳамаи одамон дар шаъну шарафи асосии инсонӣ ва вазифаҳои асосӣ, бидуни ҳеҷ гуна тафовут аз рӯйи нажод, ранг, забон, ҷинс, эътиқоди динӣ, ақидаи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва дигар асосҳо баробаранд.

Зербоби шашуми боби сеюм **«Таълими ҳуқуқи инсон ҳамчун заминаи рушди вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шахс: таҷрибаи хориҷӣ»** ном дошта, дар он муаллиф иброз менамояд, ки асоси сиёсати ҳуқуқӣ оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ин Эъломияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба таълим ва омӯзиши ҳуқуқи инсон мебошад. Он бо қатъномаи 66/137 Ассамблеяи Генералӣ аз 19 декабри соли 2011 қабул шудааст. Унвонҷӯ таҷрибаи ҷаҳониро таҳлил намуда, муайян кардааст, ки қариб дар ҳамаи давлатҳо, дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон таълими ҳуқуқи инсон ҳамчун фанни мустақил ё ҷузъи раванди умумии таълим ҷорӣ карда шудааст. Дар бештари кишварҳои ҷаҳон таълими ҳуқуқи инсон ҳамчун фанни мустақил дар нақшаҳои таълимӣ пешбинӣ мешавад. Дар баъзе аз кишварҳо омӯзиши ҳуқуқи инсон дар доираи фанҳои дигари таълимӣ, ба мисли ҷомеашиносӣ, таърих, фалсафа ва ғайра ба роҳ монда мешавад. Чунин усули омӯзиши ҳуқуқи инсон имконият медиҳад, ки ҳуқуқи инсон якҷоя бо масъалаҳои умумии демократия, таҳаммулпазирӣ, қонун, қонунгузорӣ, сиёсати давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар омӯхта шаванд.

Боби чоруми диссертатсия – **«Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҳамчун омили рушди робитаи давлат ва шахс»** фарогири чор зербоб мебошад.

**«Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун омили рушди робитаи давлат ва шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** – дар зербоби мазкур дар баробари дигар масъалаҳо сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи идоракунии давлатӣ баррасӣ шудааст. Қайд мегардад, ки сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи идоракунии давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ буда, бо дарназардошти ҳадафҳои нави идоракунии давлатӣ, таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ амалӣ карда мешавад. Он бо сиёсати ҳуқуқии таҳсилотӣ ва тарбиявии ҶТ, аз ҷумла, дар самти тарбияи кадрҳои идоракунии давлатӣ робитаи устувор дорад.

Зербоби дуюми боби мазкур ба масъалаи **«Давлат ва шахс ҳамчун субъекти асосии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф давлат вазифадор аст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳимоя намояд. Яке аз шаклҳои иҷрои ин вазифа, ки дар сатҳи расмӣ (байналмилалӣ ва конститутсионӣ-ҳуқуқӣ) бар дӯши давлат вогузор шудааст, таҳия ва амалӣ намудани мақсадноки сиёсат дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад. Аз ин рӯ, дар солҳои охир сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва умуман худи мушкилоти сиёсати ҳуқуқӣ дар маркази таваҷҷуҳи аксари муҳаққиқон қарор дорад.

Зербоби сеюми ин бахши рисола **«Ҳуқуқи инсон ҳамчун унсури сиёсати давлат дар соҳаи тарбия ва таҳсилоти ҳуқуқӣ»** ном дорад. Тибқи навиштаи муаллиф сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар асоси ҳамбастагии тарбияи ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқӣ, сиёсати таълимии ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ сохта мешавад. Сиёсати ҳуқуқии тарбия – ин фаъолияти мақсаднок, муташаккил, танзимшаванда, назоратшаванда ва мунтазами давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки тавассути таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба раванди тарбияи ҳуқуқӣ бо мақсади баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар асоси маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ ва технологӣ амалӣ карда мешавад. Сиёсати ҳуқуқии таълим ва тарбия бо тамоми низоми тарбия ва таълими иҷтимоӣ (ҳуқуқӣ, педагогӣ ва ғ.), ки дар ҳамкории мутақобила бо

намудҳои тарбияи ахлоқӣ, ватандӯстӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ, сиёсӣ ва дигар намудҳои тарбияи ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад, алоқаи зич дорад.

Зербоби чоруми ин боб ба масъалаи **«Унсурҳои байналмилалӣ ва миллии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таълими ҳуқуқи инсон»** бахшида шуда, унвонҷӯй қайд менамояд, ки сиёсати ҳуқуқии ҶТ оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, албатта, дар асоси Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон оид ба таълим ва омодагӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон сурат мегирад. Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон бояд бо дарназардошти анъанаҳои миллӣ, арзишҳои таърихии фарҳанги ҳуқуқии миллӣ амалӣ карда шавад. Ҳалли ин мушкилот ба дарки дурусти меъёрҳои ҷарбӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мувофиқи ҳуввияти миллии аҳолии бумии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Асоси консептуалии ҳалли ин масъала Консепсияи таълими этнофарҳангӣ дар ҶТ мебошад, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 18 феврали соли 1998 тасдиқ карда шудааст.

**Хулосаи** рисола мукаммал, мантиқӣ ва дар доираи одоби илмӣ таҳия шудааст. Дар он таклифу пешниҳод, натиҷаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии рисола инъикоси худро ёфтаанд. Унвонҷӯй дар пайвандӣ бо диссертатсия автореферати онро мутобиқ ба шарт ва талаботи мавҷуда омода кардааст. Автореферат дар асоси рисолаи илмӣ омода шуда, ба он аз лиҳози мантиқӣ мутобиқ мебошад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари ҷанбаҳои мусбат, диссертасия дорои баъзе ҳолатҳои баҳснок низ мебошад, аз ҷумла:

1. Дар нуктаи илмии ҳафтуми ба ҳимоя пешниҳоднамуда муаллиф қайд менамояд, ки «робитаи давлат ва ҳуқуқи инсон зарурати таҳқиқи масъалаҳои зеринро талаб мекунад: вазъи ҳуқуқии инсон; доираи ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои инсон; таносуби ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои инсон; таносуби вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд; кафолатҳои ҳуқуқи инсон; таъсири реҷаи сиёсӣ, шаклҳои демократии ҳаёти ҷомеа ба амалишавии ҳуқуқи инсон» (саҳ. 24-25). Воқеан, муаллиф тавонистааст, ки унсурҳои марказии робитаи давлат ва шахсро муайян намояд. Айни замон ақидаи муаллиф оид ба таъсири реҷаи сиёсӣ ба робитаи давлат ва шахс аз лиҳози илмӣ баҳснок аст, чунки режими сиёсӣ падидаи бештар

сиёсӣ буда, бо ҳаёти сиёсӣ робита дорад, ба афзалияти ҳадафҳо ва меъёрҳои сиёсӣ такя дорад.

2. Дар саҳ. 87-88 диссертатсия муаллиф ду роҳи назарии ҳалли мушкилоти робитаи мутақобилаи шахсият, ҷомеа ва давлатро пешниҳод мекунад: коллективӣ ва инфиродӣ (либералӣ). Ба ақидаи муаллиф назарияи коллективӣ ба эътироф кардани афзалияти ҷомеа нисбат ба шахсият такя дорад, дар назарияи инфиродӣ бошад, ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсон ба ҳаёт, ба озодӣ, ба моликият эълон гаштанд. Ин ақидаи муаллиф аз лиҳози илмӣ баҳснок аст, чунки робитаи давлат ва шахсро танҳо бо назарияҳои коллективӣ ва фардӣ маҳдуд мекунад, тағйироти ҷиддиро дар дарки коллективӣ ва фардии масъалаи мазкур пурра ба инобат намегирад, нуқтаи назари либералӣ ва фардиро дар таносуб бо нуқтаи назари коллективӣ баррасӣ мекунад.

3. Дар саҳ. 87-88 ва 92 диссертатсия муаллиф якчанд маротиба мафҳуми «робитаи шахс – ҷомеа – давлатро» истифоданамуда, қайд мекунад, ки таҳқиқоти «ҳамбастагии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон бе робитаи мутақобилаи онҳо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ яктарафа хоҳад шуд. Робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва шахсият маҳз дар доираи ҷомеаи шаҳрвандӣ сурат мегирад». Ин ақидаи муаллиф баҳснок буда, посухи иловагиро ба як қатор саволҳо талаб мекунад. Чунончӣ, дар боби аввали диссертатсия муаллиф ба хулоса меояд, ки робитаи давлат ва шахс дар заминаи вазъи ҳуқуқии шахс танзим мешавад. Таклифи муаллиф дар саҳ. 92 рисола доираи робитаи давлат ва шахсро васеъ намуда, имконияти танзими ҳуқуқии онро мушкил мегардонад, чунки робитаи шахс ва ҷомеа соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар мегирад.

Эродҳои зикргардида баҳснок буда, ба арзиши илмии диссертатсия таъсир намерасонанд. Баръакс, ин эродҳо шаҳодати мубрам будани масъалаи ҳуқуқи инсон, робитаи давлат ва шахс ба ҳисоб меравад.

**Қисмати хотимавии тақриз – хулоса.**

Рисола аз лиҳози шаклу мазмун бо риояи усулҳои мантиқӣ, низомнок, муқоисавӣ омода гардидааст. Диссертант ғоя, андеша, назарияи олимон, амалияи

кишварҳои гуногун, қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалиро баррасӣ намуда, баҳри рушд ва пешрафти авзои ҳуқуқии Тоҷикистон таклифҳои судманд намудааст.

Дар умум, рисолаи илмии Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзуи **«Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ»** ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Миралиев Исфандиёр Қарахонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Мудири шуъбаи таърихи давлат
ва ҳуқуқи Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор **Буризода Э.Б.**

Имзои Э.Б. Буризодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ **Абдурахмонзода Б.А.**

**Суроғаи муқарриз:**

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 19.
Тел.: +992 (37) 221-56-89;
E-mail: buriev-68@mail.ru

«26» апрели 2024 с.